**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Маорифпарварӣ ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангиест, ки зиёиёнро аз ғафлати замони куҳнаи феодалӣ бедор намуда, ба замони нав, замони тантанаи илму амал ва адолат даъват мекард. Тарафдорони ин ҷараён (ё худ равия) маҳз бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти ҷамъиятиро барҳам задан, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд. Андешаҳои Аҳмади Дониш ҳам пурра ба ҳамин мақсад равона гардида буд. Бинобар ин ӯро, барҳақ, асосгузори ҷараёни маорифпарварии на танҳо Бухоро, балки тамоми Осиёи Марказӣ мешиносанд.

Рисолаи номзадии Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович ба таҳқиқу баррасии равияи маорифпарварӣ ва ҷадидон дар ибтидои садаи XX ба вижа ба афкори адабию эстетикии онҳо бахшида шудааст.

Андеша ва афкори адабию эстетикии адибони маорифпарвар то кунун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони дохилию хориҷӣ қарор гирифта, аз зовияҳои гуногун ин ҷараёни пешқадам арзёбӣ шудааст. Аммо таҳқиқоти анҷомшуда дар ин замина ҳанӯз кофӣ набуда, зарурати баррасии мавзуъ аз нигоҳи нав низ қобили қадр аст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо ва хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфта, аз 186 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

Аҳаммияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои, объект ва предмети таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот бо таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии таҳаввули афкори адабӣ ва эстетикӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Диссертант дар ин фаслҳо таърихи таҳаввули тафаккури адабӣ ва эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон, замина ва сарчашмаҳои пайдоиши ҷараёни мазкурро таҳқиқу баррасӣ намуда, омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии

таъсиргузор дар зуҳури мактаби маорифпарвариро бо санаду далел ошкор кардааст.

Боби дуюми диссертатсия «Нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ ва афкори адабӣ-эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» ном гирифта, фарогири ду фасл аст. Дар боби мазкур масоили нақш ва ҷойгоҳи Аҳмади Донишро дар шаклгирии ҷараёни нави маорифпарварӣ пажуҳиш намуда, осори илмию адабии Аҳмади Донишро дар ба вуҷуд омадани бедории фикрӣ, ҷараёни маорифпарварӣ ва ҷадидия, тағйир ёфтани авзои сиёсию иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна муҳим арзёбӣ кардааст.

Боби сеюми диссертатсия «Афкори адабию эстетикии намояндагони адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадида» номгузорӣ шуда, аз чор фасл фароҳам омадааст. Муаллифи диссертатсия дар чор фасл ақидаҳои адабию эстетикии маорифпарварону ҷадидон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраауфи Фитрат ва Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзиро баррасӣ намуда бо мисолҳои мушаххас ақидаҳои адабию эстетикии онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар қисмати хулосаи фишурдаи илмӣ аз ҳар бобу зербобҳо дар ёздаҳ банд ҷамъбастҳои илмӣ пешниҳод шудааст, ки аз вусъати мутолиа ва дақиқии баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Автореферат дар сатҳи баланд, бо услуби илмӣ таълиф ёфта, бо ҷамъбасту хулосаҳои мудаллал ва эътимодбахш корбаст шудааст.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович ва гузоришҳои илмии ӯ муҳтавои рисоларо ифода намуда, аз лаёқати баланди илмии муаллифи он гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари ин муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, киислоҳи онҳо арзиши диссертатсияро афзун менамояд.

1. Дар диссертатсия бештар ба паҳлӯҳои иҷтимоию таърихии пайдоиши ҷараёни маорифпарварӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ба ҷанбаҳои адабию эстетикии мавзуъ камтар пардохта шудааст.
2. Дар саҳифаҳо (10, 11, 16, 18, 20, 21)-и автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

Нуқсонҳои фавқуззикр ҷузъию ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намесозанд.

Автореферати Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» таҳқиқи комили илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Доктори илми филология,
профессори кафедраи адабиёти
муосири МДТ-и "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров" Ӯлмасзода З.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд,
хиёбони Исмоили Сомонӣ
**Тел**: (+992) 927714470.
**E-mail:** zamira_ulmasova@mail.ru

«25» августи соли 2023

Имзои профессор Ӯлмасзода З.Ҳ-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" Наврӯзов Эҳсон

**Суроға:**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
e-mail: E-mail: ddhkadr@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj